# Тақризи

## муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Шарифзода Ҷамолиддин Сафол “Масоили мубрами таърихи халқи тоҷик (нимаи дувуми ҳазораи II то мелод – асри IX) ва инъикоси он дар осори Эмомалӣ Раҳмон”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. - Душанбе, 2025. – 345 с.

Пӯшида нест, ки таърихи тоҷикон, чун сокинони азалии Осиёи Марказӣ, дар шарқшиносии умумибашарӣ ба мақоми хоса соҳиб гаштааст. Аз ҷумла бо такя ба маълумоти дар сарчашмаҳои мӯътамад ҷой дошта, доир ба рисолати тамаддунофари ин халқ  аз замонҳои қадим, давраи аввали асримиёнагӣ ва хосатан соҳибдавлатии комили он дар аҳди Сомониён, тадқиқоту таълифоти зиёде рӯи кор омадааст, ки тасдиқи пурраи ин ҳақиқат ҳисоб меёбад.

Соҳибистиқлолии комили давлатдорӣ, бештар тақвият ёфтани ифтихори миллӣ, эҳсоси зарурати ҳарчи бештар ба арзишҳои таърихӣ мароқ зоҳир карданро пеш овард.  Аз ин ҷост, ки дастовардҳои назаргир доир ба таҳқиқи гузаштаи дуру наздики халқу кишвар амри тасодуф набуда, аз масъулияти таърихогаҳии замони муосир маншаъ гирифтааст. Вале ин ҳанӯз маънои ҳалли тамоми масоили марбут доир ба таърихи миллатро дошта наметавонад.  Муайян намудани дараҷаи омӯзиши илмии масоили таърихӣ  ба таҳқиқи нисбатан ҷиддии таърихнгорӣ ниёз дорад. Маҳз бо эҳсоси чунин зарурат диссертатсияи Шарифзода Ҷамолиддин Сафол  барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих пешниҳод гардидааст.

Унвонҷӯ дар маркази тадқиқот дараҷаи инъикоси воқеъбинонаи таърихи халқи тоҷикро  дар нимаи дуюми ҳазораи II қабл аз милод – асри IX, ки     яке аз паҳлӯҳои ниҳоят фарогири асарҳои таърихии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳисоб меёбад, қарор додааст.

**Мубрамияти** интихоби мавзӯи диссертатсияи доктории Шарифзода Ҷамолиддин Сафол дар он зоҳир мегардад, ки дараҷаи таҳқиқи илмӣ-назариявии масоили ҳалталаби таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик, чун яке аз масъалаҳои марказии асарҳои таърихии Эмомалӣ Раҳмон, то кунун мавриди таҳлили таърихнигорӣ қарор наёфтааст. Бо эҳсоси чунин зарурат муаллиф, аввалин шуда, дар асоси таҳлили муқоисавии маълумоти дар маъхазҳо ҷой дошта ва назари олимони ватанию хориҷӣ, кӯшиш ба харҷ додааст, ки арзишҳои воқеан илмии асарҳои Пешвои миллат доир ба ин давраро муайян намояд.

Муҳиммияти илмии рисолаи барои дифоъ пешниҳод намуда, дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф хизмати амалан бесобиқаи Сарвари давлатро доир ба муайян намудани дараҷаи таҳқиқи таърихи аҳди бостону ибтидои асримиёнагии тоҷикон, саҳмгузории бевоситаи эшонро дар тадқиқу баррасии масоили марбутаи замон ва дар ин замина тарҳрезии дурнамои онро дар таърихнигории миллӣ, хеле барҷастаю эътимодбахш нишон дода тавонистааст.

Унвонҷӯ маъхазҳои дар таълифи диссертатсия мавриди истифода қарорёфтаро аз рӯйи мазмуну муҳтаво ва фарогирии мавзӯъҳои баррасигардида, гурӯҳбандӣ карда, аҳамияти маълумоти дар онҳо ҷойдоштаро барои таҳқиқи таърихи қадиму давраи аввали асримиёнагӣ муайян намудааст.

**Навгонии илмии** рисолаи барои ҳимоя пешниҳодгардида, дар бори аввал аз мавқеи таърихнигорӣ муайян намудани дараҷаи таҳқиқи масъалаҳои мубрами таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик дар асарҳои Эмомалӣ Раҳмон ва арзишмандии илмии онҳо дар муқоиса бо осори рӯи кор омадаи мутахассисони соҳа, амиқан ба назар мерасад.

Унвонҷӯ дар ҳамин замина ба хизмати Эмомалӣ Раҳмон, дар таҳлили воқеан илмии масоили вобаста ба таърихи ташаккули ақвом ва тамаддуни ориёӣ, давлатҳои ориёӣ, муҳоҷирати ориёҳо, дину оинҳои бостонӣ, омилҳои

сууду суқути давлатҳои ориёӣ, раванди паҳншавии дини ислом, муборизаи аҷдоди тоҷикон дар қиболи сиёсати истилогаронаи арабҳо, неҳзатҳои фикрӣ, раванди ташаккули ҳукуматдории сулолаҳои тоҷик дар Хуросону Мовароуннаҳр баҳои воқеъбинона дода тавонистааст. Муаллиф ҳамчунин саҳмгузории дар доираҳои баланди илмӣ назарраси Сарвари давлатро ба ҳайси муаррихи соҳибназар дар муайян намудани нақши сулолаҳои ориёӣ дар ташаккули низоми давлатдорӣ ва тамаддуни башарӣ, ҷойгоҳи сулолаҳои Бармакиён, Саҳлиён, Ковусиён, Тоҳириён ва Саффориёнро дар низоми идории хилофат бо далелҳои боэътимод иброз доштааст.

Шиносоӣ ба мазмуну мундариҷаи рисолаи унвонҷӯӣ (диссертатсия) бармеояд, ки муаллиф дар таҳлилгарои илмии хеш аз доираи талаботи ҳакиқатнигории таърихӣ (принсипи историзм) берун нашуда, бо масъулияти том усули муқоисавӣ, диди фарогир (комплексӣ), таҳлили системавӣ, пайдарҳамии хронологӣ, аз назари таҳлили интиқодӣ хулосабардории воқеъбинона ва ғайраро нигоҳ медорад, ки ин аз масъулиятшиносии муҳаққиқ дарак медиҳад.

Маҷмуан дақиқияту услуби таҳлилии маводи ниҳоят зиёди ба доираи таҳқиқ кашида шуда, аз ҷумла истифодаи васеи маълумоти сарчашмавӣ, таҳлили осори муҳақиқони ба таърихи қадиму аввалиасримиёнагии тоҷикон иртибот дошта, ва дар ин замина хулосабардории муқоисавию илмии Президенти мухтарамро воқебинона кушодан, далелест аз эътимоднокии илмии рисолаи барои дифоъ пешниҳодгардида.

**Аҳаммияти илмию амалии** диссертатсия аз диди унвонҷӯ дар муайян намудани саҳми воқеан бузурги Пешвои миллат ба ҳайси муаррихи соҳибназар, дар таҳлили муқоисавии маъхазу таҳқиқоти роиҷ ба таърихи қадиму авалиасримиёнагии тоҷикон ва дар ин замина тақвият бахшидани хулосаи он шарқшиносони ватанию хориҷие, ки нисбат ба таърихи тоҷикон назари воқеъбинона зоҳир намудаанд, ҳисоб меёбад. Эмомалӣ Раҳмон бо такя ба далелҳои боэътимод, дар асарҳои ба ин давраҳо иртиботдоштаи хеш масоили то андозае дар таърихнигории минтақа ва ҷаҳонӣ печида доир

ба нахуствatану муҳоҷирати ақвоми ориёӣ, ҷойгоҳи тамаддуни ориёӣ дар таърихи башарӣ, муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар қиболи арабҳо, паёмади забткориҳои араб ва саҳми ҳамаҷонибаи мардуми минтақа дар густариши дини нав ва ғайраро дар заминаи илмӣ ниҳоят возеҳу раднашаванда муайян намудаанд.

Аз ин рӯ, ин таҳқиқоти унвонҷӯ, бешубҳа аҳаммияти хосаи илмию амалиро дорост. Дар он натанҳо саҳми ниҳоят қавии Президенти кишвар дар таҳқиқи муқоисавии таърихи гузаштаи дури тоҷикон, ҳамчунин дар ин замина кушудани саҳфаҳои ҳанӯз то андозае барои мутахассисону доираи васеи хонандагони ватанию хориҷӣ норавшану баҳсталаби аҳди бостону давраи аввали асримиёнагӣ бо далелҳои эътимодбахш таҳлили амиқи илмӣ пайдо кардаанд.

Таҳқиқоти мазкур метавонад зимни таълифоти корҳои илмӣ роҷеъ ба масъалаҳои муҳимми таъриху фарҳанги халқи тоҷик ва мардуми кишварҳои ҳамчавор, дар тартиб додани барномаву дастурҳои таълимӣ, таҳияи курсҳои махсус доир ба таърихи қадиму асримиёнагии минтақа барои донишҷӯёни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор ёбад.

**Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои** мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод** гардидаанд, ки дар асоси таҳлилу омӯзиши осарҳои Эмомалӣ Раҳмон ва қиёси онҳо ба сарчашмаҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқон роҷеъ ба масъалаҳои мубрами таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик рӯшанӣ меандозанд.

Таркиббандии рисола ба талаботи расмии барои диссертатсияҳо хос мувофиқат мекунад. Он дар ҳаҷми 345 саҳифаи компютерӣ буда, пешгуфтор, 5 боб, 11 зербоб, хулоса ва феҳристи маъхазу адабиёти илмии ба доираи таҳқиқот кашидаро (422 номгӯй) дар бар мегирад.

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзӯъ, заминаҳои назариявӣ, методологӣ, навгониҳои илмӣ, дараҷаи ба доираи таҳлил кашидани маъхазу тадқиқоти мутахасисони соҳа, ҷузъиёти мӯҳтавои рисолаи ба ҳимоя

пешниҳодшуда, аҳамияти назариявӣ ва эҳтимолияти тадбиқи амалии он асоснок карда шудааст.

Боби аввали диссертатсия **«Бозтоби масоили мубрами таърихи ақвоми ориёӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон»**, аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввал масоили назариявӣ ва методологии омӯзиши таърихи аҳди бостону ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик ва осори илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор ёфтаанд.

Дар ин замина унвонҷӯ назари худро доир ба дастовардҳои илмӣ ва норасогиҳои дар онҳо ҷой дошта, ифроз медорад. Дар ин радиф, андешаи муаллиф роҷеъ ба аҳаммияти консепсияи омӯзишии асарҳои ба таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик бахшидаи Эмомалӣ Раҳмон хеле ҷолибу аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба назар мерасад. Аз ҷумла ӯ бамаврид қайд менамояд, ки дар шароити бунёду рушди бемайлони давлати соҳибистиқлол ва эҳёву раванди суръатафзои таҳқиқу ҳифзи арзишҳои таърихию фарҳангии миллат, хосатан зарурати аз асарҳои таърихии Эмомалӣ Раҳмон баҳрабардорӣ намудан, ҳарчи бештар эҳсос мешавад.

Зербоби дувуми боби аввал **«Таҳқиқи масъалаи ақвоми ориёӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон»** унвон дошта, он ба омӯзиши ташаккули ақвоми ориёӣ, нахустватани ориёиҳо ва муҳоҷирати онҳо бахшида шудааст. Диссертант ҳангоми омӯзиш ва баррасии масъалаи мазкур осори Эмомалӣ Раҳмонро бо осори муҳаққиқони ватанию хориҷӣ қиёс намуда, хулосаҳои амиқ баровардааст. Бахусус, доир ба масъалаи муайян намудани ватани азалии ақвоми ориёӣ, муаллиф бештар ба нуқтаи назари Эмомалӣ Раҳмон, ки дар асоси маводи бостоншиносӣ арзёбӣ мегардад, такя карда, ҳақиқатеро ҷонибдорӣ мекунад, ки тибқи он ақвоми ориёӣ дар Осиёи Марказӣ ва сарзаминҳои ҳамҷавори он ташаккул ёфта, минбаъд ба муҳоҷират рӯ овардаанд.

Дар зербоби савум **«Масъалаи давлатдории сулолаҳои ориёӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон»** мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтааст.

Муаллиф бо такя ба асарҳои Эмомалӣ Раҳмон ва дигар манобеъи таърихӣ, масъалаи давлатдории сулолаҳои ориёӣ – Ҳахоманишиён, Ашкониён, Кушониён, Сосониён ва Ҳайтолиёнро таҳлил намуда, дар маркази диққат муайян намудани нақши ин давлатҳоро дар тамаддуни башар ҷой додааст.

Боби дувуми рисола **«Дараҷаи омӯзиши забон, эътиқод ва оинҳои динии ориёиҳо дар осори Эмомалӣ Раҳмон»** унвон дошта, аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал **«Дидгоҳи Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба хостгоҳи забони ақвоми ориёӣ»** сатҳи омӯзиши таърихи забонҳои аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи аҷдоди тоҷикон – ориёиҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф бо истифода аз асари бунёдии Эмомалӣ Раҳмон «Забони миллат – ҳастии миллат» роҷеъ ба раванди ташаккул ва рушди забонҳои ориёӣ – авестоӣ, мидӣ, порсии қадим, портӣ, порсии миёна ва ғайра ибрози андеша менамояд. Аз ҷумла, бамаврид таъкид мегардад, ки Эмомалӣ Раҳмон аввалин шуда, доир ба таърихи унсури меҳварии тамаддуни ориёӣ – забонҳои аҷдоди тоҷикон асари бунёдиеро рӯи чоп овард, ки аҳаммияти муҳимми илмию амалии он равшан зоҳир мегардад.

Дар зебоби дувуми боби ишораёфта **«Сатҳи омӯзиши эътиқод ва оинҳои динии ориёиҳо дар осори Эмомалӣ Раҳмон»** муаллиф доир ба таърихи ташаккулу рушди оинҳои меҳрпарастӣ ва зурвония ибрози андеша намуда, дуруст қайд мекунад, ки доираи таъсиргузории оинҳои бостонӣ, минбаъд аз паҳнои ҷуғрофиёи ориётабор баромада ҳавзаҳои дигарро фаро гирифтааст. Масалан, оини меҳрпарастӣ то ҳудуди Аврупо густариш ёфт. Ин худ нишондиҳандаест аз афзалияти тамаддуни ориёӣ ва тафаккуру ҷаҳонбинии аҷдододони ориёитабор. Диссертант дар асоси таҳлили муқоисавии сарчашмаҳои таърихӣ ва далелҳои боэътимоди дар асарҳои Эмомалӣ Раҳмон ҷой дошта, вазъи сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоии замон, оинҳои меҳрпарастӣ ва зурвонияро дар маърази таҳқиқ гузоштааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Инъикоси масъалаи истилои араб ва муборизаи озодихоҳонаи аҷдоди тоҷикон дар осори Эмомалӣ Раҳмон»,**

ки зербобҳои **«Вижагиҳои ҳуҷуми арабҳо ба Хуросону Мовароуннаҳр дар осори Эмомалӣ Раҳмон»** ва **«Дидгоҳи Эмомалӣ Раҳмон доир ба муборизаи озодихоҳонаи ниёкони тоҷикон дар қиболи Хилофати Араб»**-ро дар бар мегирад, дидгоҳи таҳлилии Президенти кишвар чун муаррихи дақиқназар хеле барҷаста кушода шудааст. Роҷеъ ба масъалаи аввал диссертант назари воқеъбинонаи Эмомалӣ Раҳмонро ба асос гирифта, вижагии ҳуҷуми арабро ба Хуросону Мовароуннаҳрро дар он мебинад, ки новобаста аз набудани ҳокимияти ягона ва мутамарказ ба арабҳо ба осонӣ фатҳ намудани минтақа муяссар нагардид. Муборизаи шаддиди мардум ба муқобили арабҳо ҳукумати Хилофатро водор сохт, ки дар ду давра юришҳои ҳарбии худро ба Хуросону Мовароуннаҳр сафарбар намояд. Унвонҷӯ бо истифода аз ибораҳои дар асарҳои асарҳои Эмомалӣ Раҳмон ҷой дошта, давраи аввали ҳуҷуми арабро ғоратгаронаю истихборотӣ ва давраи дувумро забткорона номидааст.

Доир ба зербоби дувум бошад, таҳлили ҷузъиёти дар китобҳои Президенти мамлакат доир ба паҳншавии дини ислом ва авҷи истибдоди арабҳо нисбат ба халқи маҳаллӣ муаллифро ба хулосае овардааст, ки ҳаракатҳои озодихоҳонаи мардумони Хуросону Мовароуннаҳр дар нисбат ба дини ислом ҳарчи бештар ба муқобили арабҳо ва сиёсати истибдодии онҳо равона шуда буд. Шикасти принсипҳои дини ислом, ки дар меҳвари он баробарӣ ва бародарӣ қарор дошт аз ҷониби худи арабҳо боиси ҳаракатҳои озодихоҳонаи мардумӣ гардид. Дар саргаҳи ин ҳаракатҳо чеҳраҳое қарор доштанд, ки ҳадафи асосии онҳо дар мулки хеш мустақилиятро нигоҳ доштан буд. Маҳз ҳамин ҳаракатҳои оштинопазир сабаби дар муносибат ба ашрофони маҳаллӣ ба муросою эътидол рӯ овардани маъмурини араб гардид. Арабҳо маҷбур шуданд, ки бо мақсади ҳарчи бештар ҷалб кардани мардум ба эътиқоди нави динӣ ва таъмини нигаҳдошти мақоми хилофат, ба доираҳои маъмурӣ кашидани намояндагони сулолаҳои маҳаллиро ба ҳукми анъана дароранд. Ин барои рушди тафаккури истиқлолиятхоҳии мардуми маҳаллӣ, заминаи нисбатан мусоиде фароҳам овард.

Боби чоруми диссертатсия **«Вижагиҳои густариши тамаддуни ислом дар Хуросону Мовароуннаҳр ва эҳёи рукнҳои фарҳанги миллӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон»** мисли ду боби пешин ду зербобро дар бар гирифтааст. Дар зербоби аввал **«Сатҳи омӯзиши неҳзатҳои фикрӣ ва маънавии тоҷикон (асрҳои VII-VIII) дар осори Эмомалӣ Раҳмон»** масъалаи ташаккул ва рушди ҳаракати шуубия баррасӣ мегардад. Муаллиф ақидаи асосноке пеш овардааст, ки Эмомалӣ Раҳмон масъалаи ҳаракати шуубияро дар таълифоти хеш нисбат ба дигар муаррихон равшану мушаххастар ба риштаи таҳлил кашида, аҳаммияти омӯзиши онро барои ҷомеаи муосир муҳим арзёбӣ менамояд. Маҳз корномаи шуубиён боис гардид, ки дар қиболи сиёсати қавмгароёнаи арабҳо арзишҳои фарҳангӣ ва миллии аҷдоди тоҷикон ҳифз карда шавад.

Дар зербоби дувум **«Нақши хонадонҳои маҳаллии Бармакиёну Саҳлиён дар низоми идории Хилофати араб аз нигоҳи Эмомалӣ Раҳмон»** диссертант, бо такя ба таълифоту хулосабардориҳои Сарвари мамлакат, ворид гардидани хонадонҳои маҳаллии Хуросону Мовароуннаҳрро ба низоми идории Хилофати Араб пай дар пай нишон дода, нақши Бармакиён, Саҳлиён, Ковусиёнро дар заминагузории эҳёи арзишҳои аҷдодии ба тоҷикон хос, чун падидаи муҳимми таърихӣ арзёбӣ менамояд. Муаллиф дуруст таъкид мекунад, ки бо афзоиши шукуҳу шаҳомати хонадонҳои тоҷиктабор халифаҳои араб ба ташвиш омада, онҳоро аз байн мебардоштанд, вале новобаста ба ин, ирода ва кордонии ин сулолаҳо дар низоми идории хилофат боис гардид, ки заминаи мувофиқ барои ташаккули давлатдории асили тоҷикон гузошта шавад.

Боби панҷум ва ниҳоии диссертатсия **«Сатҳи омӯзиши давлатдории Тоҳириёну Саффориён дар осори Эмомалӣ Раҳмон»** низ фарогири ду зербоб буда, дар зербоби аввал – **«Бозтоби нуфуз ва ҷойгоҳи таърихии Тоҳириён дар осори Эмомалӣ Раҳмон»** раванди хадамоти Тоҳир ибни Ҳусайн дар Хилофати Араб, ба мустақилият расидани Тоҳир ва паёмади он, насиҳатномаи Тоҳир, ҳукумати Талҳа ибни Тоҳир, махсусияти даврони

Абдуллоҳ ибни Тоҳир ва тадбирҳои ӯ, ҷойгоҳи Тоҳириён дар таърихи халқи тоҷик омилҳои шикасти ҳукумати онҳо ва ғайра аз диди таърихнигорӣ баррасӣ мегардад. Муаллиф бо такя мӯҳтавои асарҳои Эмомалӣ Раҳмон нақши Тоҳириёнро дар таҳкими заминаи ташкили нахустдавлати миллии тоҷикон хеле асосноку барҷаста арзёбӣ менамояд. Бахусус, хидмати Тоҳир ибни Ҳусайн дар масири расидан ба истиқлол ва аҳаммияти таърихии насиҳатномаи ӯ хеле ҷолиб нишон дода шудааст.

Дар зебоби дувум **«Нақши Саффориён дар эҳёи давлатдорӣ ва фарҳанги миллии тоҷикон аз нигоҳи Эмомалӣ Раҳмон»** дараҷаи инъикоси ҳаракати айёрони Хуросон, корномаи Яъқуб ибни Лайс ва Амри Лайс, ҷойгоҳи ҳукумати Саффориён дар таърихи давлатдории тоҷикон аз диди Пешвои миллат хеле барҷаста инъикос ёфтааст. Диссертант дуруст таъкид менамояд, ки Саффориён эҳёгари воқеии фарҳангу арзишҳои миллӣ ба шумор рафта, ҳеҷ майли ба Хилофат итоат карданро надоштанд. Ӯ омӯзиши корномаи Яъқуб ибни Лайсро барои насли имрӯзи миллат ибратбахш арзёбӣ менамояд.

Дар 15 банди хулосавии диссертатсия, муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф омадаанд, ки аз дараҷаи баланди натиҷабардории унвонҷӯ дарак медиҳад. Ҳамчунин тавсияҳои муаллиф доир ба истифодаи амалии натиҷаҳои аз тадқиқоти мазкур бардоштааш, ки дар 10 банд пешниҳод гардидаанд, хеле ҷолибу ба талаботи тарихнигории муосир ҷавобгӯ мебошанд.

Натиҷаи таҳлили амиқи диссертация ба хулосае меорад, ки дар ҳар яке аз бахшҳои он нишондиҳандаҳои ба муҳаққиқи асил хос ба назар мерасад. Ҳамчунин бояд қайд кард, ки довталаб доир ба мазмуну мӯҳтавии таҳқиқоти барои дифоъ пешниҳод намудаи хеш 2 рисола (монография), 28 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин шумур 19-тоаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Интишороти дастраси хонандагон гардида нуктаҳои асосӣ ва мазмуни диссертатсияро

инъикос намуда, аз саҳми назарраси муаллиф дар ин ҷода шаҳодат медиҳанд.

Вале ба ҳамаи нишондиҳандаҳои ҷолиби илмии дар боло ишораёфта нигоҳ накарда, диссертатсияи тақризшаванда, ки фарогири масоили зиёди ба доираи таҳлил кашида шударо дар бар мегирад, табиист, ки аз нуқсон батамом орӣ буда наметавонад. Ҳангоми мутолиаи он ҷой доштани чунин камбуду норасоиҳои аз диди мо ислоҳталаб равшан ба назар мерасад:

1. Ба ҷои истифодаи ибораи “осор” “асарҳо”, ки маънои асарҳои муаллифони муосирро дорад, мантиқан мувофиқтар аст;

2. Дар масъалаи муайян кардани нахустватани ақвоми ориёӣ муҳаққиқони зиёде изҳори ақида намудаанд, ки дар диссертация низ чанде иқтибос шудаанд. Дар ин ҷода хизмати Эмомалӣ Раҳмон хеле барҷаста ба назар мерасад вале аз чӣ бошад, ки назари худи муаллиф ба таври равшану эътимодбахш муайян нагардидааст.

3. Масъалаи пайдоишу ташаккули давлатҳои ақвоми ориёӣ, ки яке аз мавзуъҳои марказии таърихи аҳди қадимтарини халқи тоҷик буда дар асарҳои Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон хеле равшан инъикос ёфтааст, дар диссертасия баҳои ба арзиши илмии ин асарҳо муносиб дода нашудааст.

4. Мебоист дар зербоби дувуми боби 2 дар радифи оинҳои Меҳрпарастӣ ва Зурвония, ҳамчунин масъалаи ташаккулу густариши дини зардуштия ҷой медошт, вале аз мадди назари муаллиф дур мондааст.

5. Адабиёти дар Эрон ба нашррасида роҷеъ ба замони ҳукумати Тоҳириёну Саффориён бояд бештар ба доираи таҳлил кашида мешуд. Аз ҷумла: ҷилди 6-ми тадқиқоти 20-ҷилдаи “Таърихи ҷомеъи Эрон”, ки “Аз суқути Сосониён то ҳукуматҳои маҳаллии Шарқи Эрон” (Теҳрон, 1393) унвон гирифтааст; Аббоси Парвиз. “Нақши Яъқуби Лайс дар роҳи эҳёи истиқлоли Эрон” (Теҳрон, 1347); А. Акбарӣ “Таърихи ҳукумати Тоҳириён аз оғоз то анҷом” (Машҳад, 1387) ва ғайраро дар диссертация мавриди истифода қарор додан ба мақсад мувофиқ буд.

6. Дар таҳлили муқоисавӣ осори Гардезӣ “Зайн-ул-ахбор”, Масъудӣ “Муруҷ-уз-заҳаб”, Низомулмулк.“Сиёсатнома”- ро дар мадди назар доштани унвонҷӯ ҷоиз буд.

7. Яке аз хусусиятҳои муҳимми тадқиқоти таърихнигорӣ, муайян намудани мукаммалияти масоили тадқиқшаванда ва муқоисаи ақидаҳо дар шакли иқтибос овардани онҳост. Аз ин рӯ иқтибос бояд такрори амиқи гуфтаҳои муаллифони иқтибосшаванда бошад. Дар диссетатсия аксаран иқтибосҳо дар шакли баёни озоди мӯҳтавои онҳо омада, хулосабандии илмиро то андозае халалдор намудааст.

8. Дар “Рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда” асарҳои Яъқубӣ, Балъами, Ибни Асир, Ибни Холиқон (ниг.: рақамҳои 258, 260, 284-286) ва ғайра, ки аҳамияти сарчашмавӣ доранд дар қатори адабиёти тадқиқотии дар эрон ба забони форсӣ ба нашр расида, оварда шудаанд.

9. Дар рисола ғалатҳои имловию техникӣ мисли “ҳукумрон” ба ҷои “ҳукмрон”, “мелод”, ба ҷои “милод”, “Объективӣ” ба ҷои “воқеъбинона” ва ғайра, ҳамчунин такроргӯиҳо ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо дар мавриди ба чоп тайёр кардани таҳқиқоти мазкур бояд ба инобат гирифта шавад.

Бояд қайд кард, ки ин эродҳои дар боло зикшуда, аксаран аз доираи риояи талаботи имлою техникӣ бармеоянд ва арзиши илмии ин таҳкикоти мукаммалро коҳиш дода наметавонанд. Рисолаи аз ҳар ҷиҳат арзишманд, аз мустақилияту ба тафаккури баланди илмӣ соҳиб будани муаллиф дарак медиҳад.

Ин тадқиқот комилан ба анҷомрасида, ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34, 35, 37 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардида аст, пурра мувофиқат мекунад. Автореферат ва китобу мақолоти илмии рӯи чоп дидаи муаллиф возеҳан навоварӣ ва мазмуну мӯҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти диссертатсионии Шарифзода Ҷамолиддин Сафол дар мавзуи «Масоили мубрами таърихи халқи тоҷик (нимаи дувуми ҳазораи II то мелод – асри IX) ва инъикоси он дар осори Эмомалӣ Раҳмон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пурра ба анҷоми мантиқии худ расидааст.

Сохтори диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан мувофиқат менамояд. Бо назардошти ин метавон қайд кард, ки Шарифзода Ҷамолиддин Сафол барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

Узви вобастаи АМИТ, сарходими илмии шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ, доктори илмҳои таърих, профессор Пирумшоев Ҳ.

12 майи соли 2025

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Муҳаммадиев, бинои 64, ҳуҷраи 17.
Тел: 915-46-41-00. E-mail: Pirumshoev 44@ mail ru.

Имзои доктори илмҳои таърих, профессор Ҳ. Пирумшоевро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо Файзуллоева Г.

ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 9
Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ

13 майи соли 2025.